# Тақриз

Ба автореферати диссертатсияи Саидзода Обидҷон Саид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои филология (ихтисоси 10.01.10 – журналистика)

Мавзӯи интихоб кардаи диссертант дарвоқеъ яке аз ҷанбаҳои хеле ҳам кам таҳқиқшудаи радиожурналистика дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллиф, ки худ соҳиби таҷрибаи кофӣ ва малакаи баланди журналистӣ мебошад, дар таҳқиқи ин мавзуъ худро ҳамчун донанди проблематика ва мушоҳидакору таҳлилгари баландихтисос нишон додааст.

Аз муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки муаллифи диссертатсия ҷараёни хеле дуру дарози таърихи пайдоиш ва ташаккули барномаҳои адабии радиои Тоҷикистонро муфассал ва бо услуби хуби илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рисола гурӯҳҳои хоси барномаҳо аз рӯи хусусияти таъсиррасонӣ, хусусан гуфторҳои адабӣ-драмавӣ, адабӣ-мусиқӣ, адабӣ-ирфонӣ ҳамчун бахшҳои алоҳидаи тасниф карда шудаанд, ки барои илми радиожурналистикаи муосир моҳияти калон дорад.

Боби махсуси рисола ба хусусияти барномаҳои адабӣ ва достонсароӣ бахшида шудааст ва муаллиф хеле дуруст ба хулосае омадааст, ки дар солҳои 1960-ми қарни гузашта маҳз тавассути ҳамин барномаҳо дар замири шунавандагони радио мазмуну мундариҷаи достонҳои ҳамосавӣ дастраси оммаи васеи мардум гардиданд.

Ғайр аз ин, таҳлили барномаҳои силсилаи «инсенировка» (радиотеатр), ки муаллиф дар боби дуюм анҷом додааст, барои эҳёи ин суннати хеле ҳам зарури эстетикӣ дар замони мо мадад хоҳад намуд.

Хулосаҳое, ки муаллифи диссертатсия дар хотимаи рисола пешниҳод намудааст, аксаран бо мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаи диссертанд мувофиқат мекунанд. Таҳқиқи осори савтӣ, накши радиои мамлакат дар ҷараёни ғанӣ гардонидани ҷаҳони ботинии мардум дар рисола хеле бамаврид оварда шудаанд, зеро дар ҷаҳони муосир иттилооти савтӣ моҳияти хеле ҳам бузург дорад.

Мақолаҳои муаллиф, ки ба мавзӯи интихобкардааш бахшида шудаанд, комилан муҳтавои рисоларо дар бар гирифтаанд ва мувофиқи мақсаду марои диссертатсия мебошанд.

Хулоса, муаллифи мақола дар илми журналистикаи тоҷик як саҳифаи тоза ва хеле муҳимро кашф кардааст ва з-ин сабаб ӯ сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои филология мебошад. Хуб мешуд, ки рисола дар шакли китоб нашр гардад.

Доктори илмҳои санъатшиносӣ,

Аслиддин Низомӣ.

Имзои А.Низомиро тасдиқ мекунам: мудири шуъбаи кадрҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, М.Муродова.

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ АКАДЕМИЯ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Душанбе, 12 сентябри соли 2019